«ТАСДИҚ МЕКУНАМ»
Ректори Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон доктори илмҳои техникӣ, профессор Назарзода Х.Х. ______
«16» январь ______ соли 2023

**ТАҚРИЗИ**

**муассисаи пешбар оид ба диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ)**

**Мутобиқати муҳтавои диссертатсия ба ихтисос ё соҳаи илми эълоншуда.** Диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович дар мавзуи «Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон», барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ ба ихтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мутобиқат мекунад.

Ба сифати объекти таҳқиқот маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие баромад менамоянд, ки бинобар сабаби содир шудани ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ ба вуҷуд меоянд. Мавзуи таҳқиқот – меъёрҳои ҳуқуқӣ – ҷиноятӣ, ки ҷавобгарии ҷиноятиро барои саркашӣ аз супоридани андозҳо аз шахсони ҳуқуқӣ пешбинӣ мекунанд; меъёрҳои қонунгузории андоз, ки ҷавобгариро барои вайронкунии меъёрҳои андозбандӣ муқаррар мекунад; маводҳои парвандаҳои ҷиноятӣ аз бойгонӣ, ки аз ҷониби судҳои ҶТ баррасӣ гардидаанд ё аз ҷониби мақомоти таҳқиқию тафтишӣ баррасӣ гардидаанд.

**Саҳми илмии довталаб дар ҳалли масъалаи илмӣ ё коркарди проблемаи илмӣ бо арзёбии аҳаммияти он.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия ба сатҳи навгонии нуқтаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, мақолаҳои илмӣ, маърӯзаҳо дар конференсияҳои илмӣ – амалии байналмилалӣ асоснок карда мешаванд. Илова бар ин, аз тарафи

муаллифи диссертатсия дар мақола ва маърӯзаҳо, дар конференсияҳои илмӣ – амалии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ пешниҳодҳо ҷиҳати такмил бахшидани қонунгузории ҷиноятии ватанӣ ва фаъолияти мақомоти ҳуқуқтатбиққунанда, дар соҳаи татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи ҷиноятӣ вобаста ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардидааст.

Қобили тазаккур аст, ки диссертант дар ҳалли як зумра масъалаҳои назариявӣ, ки марбут ба падидаи баррасишаванда мебошанд, ба муваффақият ноил гардида, ҳамзамон андешаҳои илмиеро коркард намудааст, ки онҳо барои рушди илми ҳуқуқшиносии ватанӣ ва такмили қонунгузории ҷиноятӣ метавонанд саҳми назаррас гузоранд:

1. Муаллиф дар рафти таҳлил муайян кардааст, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз як зуҳуроти манфии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ фаҳмида шуда, ба муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшаванда, яъне ворид нагардидани маблағи пулӣ ба низоми буҷети ҶТ аз ҳисоби андозҳо ва ё пардохтҳо, таҷовуз мекунад.

Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ин кирдори барои ҷамъият хавфноки гунаҳгорона ва зиддиҳуқуқие мебошад, ки аз тарафи андозсупорандагон ва шахсони мансабдори ваколатдор бо мақсади ғарази шахсӣ дар ин самт содир мешаванд ва дар натиҷа зарари молиявӣ ба миқдори калон ба буҷети давлат ва дар баъзе мавридҳо ба андозсупоранда расонида мешавад (саҳ.15-16).

Муқаррар кардани мафҳуми «Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз» ба санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки минбаъд ҳангоми ифода намудан ба тафсири духӯрагии он роҳ дода намешавад.

2. Рисоланавис дар таҳқиқоти диссертатсионии худ объект, аломатҳои объективӣ, субъект ва аломатҳои субъективии ҷиноятҳо дар соҳаи андозро мавриди таҳлил қарор дода, вобаста ба паҳлуҳои мухталифи таркиби ҷиноят андешаҳои худро иброз намудааст:

Вобаста ба объекти намудиашон ин ҷиноятҳо пурра аз ҳамдигар фарқ мекунанд. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятии бо қонунгузории ҷиноятӣ ҳифзшавандае, ки ҳангоми содир гардиданашон ба субъектони он зарар мерасад. Ҷиноятҳо ба муқобили моликияти давлатӣ бошад, маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятие мебошанд, ки ҳангоми содир шуданашон бевосита ба буҷети давлат зарар мерасад.

Низоми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз аз рӯйи объекти онҳо (объектҳои намудӣ, хелӣ ва бевосита) ва бо риояи принсипи алоқаи тарафайни байни соҳаҳои ҳуқуқ (ҳуқуқи андоз, ҳуқуқи ҷиноятӣ, ҳуқуқи молия, ҳуқуқи граждані), инчунин вобаста ба омилҳои объективӣ ва субъективии ҳаёти ҷамъиятӣ сохта мешавад. Ин ҷиноятҳо доираи танзими ҳуқуқӣ, хусусият ва сохтори муносибатҳои ҷамъиятиро ба назар гирифта, ба се гурӯҳи ҷиноятҳои нисбатан якхела, вале мустақил тақсим мешаванд:

а) ҷиноятҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо (моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ);

б) дигар ҷиноятҳои бо андоз алоқаманд (моддаҳои 259, 264 291, КҶ ҶТ ва ғ.).

в) ҷиноятҳо дар соҳаи сиёсати андоз (м.258 КҶ ҶТ).

Пешниҳод карда шудааст, ки маҷмуи ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ ба ду боби алоҳида ҷудо карда шавад:

Боби 27. Ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ (моддаҳои 258-260[1]; 262-280; 282-283; 286; 288; 294-297 КҶ ҶТ);

Боби 27[1]. Ҷиноятҳо дар соҳаи молияи давлатӣ (моддаҳои 261; 281; 284-285; 287; 289-293 КҶ ҶТ) (саҳ.16-17).

Муаллиф зикр мекунад, ки субъекти ҷинояти пешбининамудаи м. 292 ҳамин Кодекс роҳбар, сармуҳосиб (дар сурати мавҷуд набудани штати сармуҳосиб – муҳосиб)-и ташкилот, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад. Агар нисбати шахс бо моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур парвандаи ҷиноятӣ оғоз карда шуда, ҳангоми тафтиши пешакӣ ва ё баррасии судии парвандаи ҷиноятӣ шахс маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, дар асоси м. 72 ҳамин Кодекс аз ҷавобгарии ҷиноятӣ озод карда мешавад. Дар мавриди пас аз баровардани ҳукми суд маҳкумшуда маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра супорад, бо қарори суде, ки ҳукм баровардааст, ё суди маҳаллӣ иҷрои ҷазо ва ё суди болоӣ, аз адои минбаъдаи ҷазо озод карда мешавад.

3. Самти дигаре, ки муаллиф аз нигоҳи илмӣ ба он муваффақ гардидааст – муайян намудани хусусиятҳои ҷиноятҳо дар соҳаи андоз мебошад. Муаллиф зикр мекунад, ки ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дорои якчанд хусусиятҳо мебошанд:

1) Ба низоми ҷамъоварии андозҳо ва пардохтҳои муқаррарнамудаи қонунгузории ҶТ, ки пардохт нагардидани он ба манфиатҳои иқтисодии давлат зарари калон мерасонад, суиқасд мекунад. Аз се ду ҳиссаи буҷети давлатии ҶТ аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳои ҳатмӣ мебошад. Ҳангоми ворид нашудани маблағҳо ба буҷети давлат функсияҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва ҳатто қисман сиёсии худро иҷро карда наметавонад. Дар байни тамоми ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ зарари саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо калон мебошад.

2) Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз дараҷаи баланди латентӣ доранд.

3) Ҳангоми бандубасти ҷиноятҳои соҳаи андоз бояд дигар санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ба монанди КА ҶТ аз 14 сентябри соли 2012, № 417, Қонуни ҶТ **«**Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет» **аз 28 июли соли 2006 № 197 ва инчунин Қонуни ҶТ** «Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявӣ» 25 марти соли 2011 № 702 ва ғайраҳо ба назар гирифта шаванд. Масалан, КА ҶТ мафҳумҳои асосиеро (ба монанди “андоз» «андозсупоранда», «манбаи андоз», «даромад ва хароҷот» «супоридани андозҳо» «шахсони ҳуқуқии андозсупоранда» «эъломияи андоз» «ҳисоб ва пардохти андоз» ва ғайраҳо) муқаррар кардааст, ки унсурҳои таркибии диспозитсияи м. 292 – 293 КҶ ҶТ-ро ташкил медиҳанд.

4) Андозаи зарари аз ҷиноятҳои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо нисбат ба дигар ҷиноятҳо, хусусан ҷиноятҳо дар соҳаи фаъолияти иқтисодӣ дар ҳаҷми калон мушоҳида мешавад (саҳ. 24 – 49).

4. Зимни анҷом додани таҳқиқоти илмӣ аз ҷониби муаллиф як қатор тавсияҳои амалӣ оид ба такмили қонунгузории соҳа пешниҳод шудаанд:

а) Дар асоси таҳлили илмии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз пешниҳод карда мешавад, ки м. 292 КҶ ҶТ дар таҳрири зерин оварда шавад:

**Моддаи 292. Қасдан насупоридани маблағи андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ**

1) Қасдан насупоридани маблағи андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ бо роҳи пешниҳод накардани эъломияи андоз ё дигар ҳуҷҷатҳо, ки пешниҳоди онҳо тибқи қонунгузорӣ ҳатмӣ мебошанд, ё бо роҳҳои дигар ворид намудани маълумоти таҳрифшуда, ки бо расонидани зарари калон содир шуда бошад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

2) Ҳамин кирдор, агар:

а) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ;

б) бо расонидани зарари махсусан калон содир шуда бошад,

бо ... ҷазо дода мешавад.

Эзоҳ: 1. Ҷавобгарии ҷиноятӣ барои *насупоридани маблағи* пардохтҳои гумрукӣ, супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо, ки дар моддаҳои 291-293 Кодекси мазкур пешбинӣ шудаанд, танҳо дар ҳолате ба миён меояд, ки агар шахс бори аввал ин кирдорҳоро содир намуда, дар давоми чилу ҳашт рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор, маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорад, инчунин кирдорҳои мазкурро такроран содир намуда, дар давоми бисту чор рӯзи бонкӣ аз рӯзи қабули қарори дахлдори мақомоти гумрук, андоз ва (ё) дигар мақомоти дахлдор маблағи пардохтҳои гумрукӣ, андозҳо ва (ё) пардохтҳоро бо ҷарима ва фоизҳояш пурра насупорида бошад.

б). Дар КҶ ҶТ моддаи нав 292[1] илова карда шавад:

**Моддаи 292[1]. Иҷро накардани уҳдадориҳо вобаста ба барасмиятдарории асноди муҳосибӣ**

1) Аз ҷониби сармуҳосиб, муҳосиб ё дигар шахсони онро ивазкунанда иҷро накардан ё ба таври дахлдор иҷро накардани уҳдадориҳо вобаста ба баҳисобгирии муҳосибӣ, ки бо расонидани зарари калон содир шуда бошад,-

бо ... ҷазо дода мешавад.

2).Ҳамин кирдор, агар:

а) бо расонидани зарари махсусан калон содир шуда бошад;

б) аз ҷониби гурӯҳи шахсон бо маслиҳати пешакӣ содир шуда бошад,

- бо ... ҷазо дода мешавад. (саҳ.20-21)

**Натиҷаҳои мушаххаси илмӣ (бо нишон додани навгонӣ, аҳаммияти илмӣ ва амалии онҳо), ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмии дархостшаванда мумкин аст.**

Навгонии илмии таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки ин нахустин пажуҳиши мукаммали илмӣ вобаста ба тавсифи ҳуқуқии ҷиноятии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ бо забони давлатӣ ба шумор меравад. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бори

аввал ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар ҷумҳурӣ, муайян намудани тарзу усул ва роҳҳои баланд бардоштани самаранокии муқовимат бар зидди чунин категорияи ҷиноят истифода аз таҷрибаи дигар давлатҳо мавриди баррасӣ қарор дода шудааст. Ҳамзамон, бори аввал дар рисолаи илмӣ таҷрибаҳои муосир ва маълумоти омории кишвар ва хориҷи он вобаста ба масъалахои ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, ки дар адабиёти илмӣ ва парвандаҳои судиву тафтишотӣ мавҷуданд, оварда шудааст. Дар рисолаи илмӣ вазъи ҷиноят ва ҷинояткорӣ дар самти ҷиноятӣ супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ таҳлил гардида, бо истифода аз омор ва маълумотҳои дақиқ баҳогузорӣ шудааст. Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида, ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқиро дар бар мегирад. Натиҷаи таҳқиқот, хулосаҳои илмӣ ва пешниҳодҳо баҳри такмили қонунгузории ҷиноятӣ доир ба ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ равона гардидааст. Аҳаммияти амалии таҳқиқоти диссератсионӣ дар он зоҳир мегардад, ки пешниҳоду тавсияҳои аз ҷониби диссертант таҳиягардида ва натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ метавонанд ҳангоми такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, инчунин ҳангоми омода намудани Қарорҳои Пленуми Суди Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бандубасти ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ, дар фаъолияти қонунгузории кумитаҳо ва комиссияҳои дахлдори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар рафти таҳқиқоти илмӣ, зимни бозомӯзӣ ва такмили ихтисос дар донишгоҳу донишкадаҳо самаранок истифода шаванд.

Пешниҳод ва хулосаҳои дар рисола дарҷгардида ба такмили қонунгузории ҷиноятии амалкунанда равона шуда, омӯзиши ҷанбаҳои назариявӣ, қонунгузорӣ ва амалии ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқиро дар бар мегирад.

Бо мақсади исботи гуфтаҳои боло метавон ба чанде аз натиҷаҳои илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ ишора намуд, ки барои он ба довталаб додани дараҷаи илмӣ ба мақсад мувофиқ мебошад:

**Дар зербоби аввали боби мазкур** муаллифи рисола зикр мекунад, ки дар адабиёти илмӣ вобаста ба мафҳум ва сохтори ҷиноятҳо дар соҳаи андоз тавсифи ҳуқуқӣ – ҷиноятии он, хусусиятҳо ва дигар паҳлуҳои он таҳқиқоти зиёди олимон ба назар мерасад. Вобаста ба мафҳуми ҷиноятҳо дар соҳаи андоз то ба имрӯз ягон ақидаи умумиэътирофгашта вуҷуд надорад, вале баҳсу мунозираҳои гуногун миёни олимон дида мешавад. Дар рисола қайд шудааст, ки мафҳуми дурусти ҷиноятҳои номбаршуда ин мафҳуми «Ҷиноятҳо дар соҳаи андоз» мебошад, ки номгӯйи ҷиноятҳоро вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо, ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ ва инчунин дигар кирдорҳое, ки ҳангоми содир шудани онҳо аз ҷониби андозсупорандагон дар баробари вайрон гардидани меъёрҳои дигар қонунҳо меъёрҳои қонунгузории андоз низ вайрон мегардад, фаро мегирад. Аммо вобаста ба моҳияти илмӣ ин гурӯҳи ҷиноятҳоро «Ҷиноятҳои бо соҳаи андоз ва сиёсати андоз алоқаманд» ном бурдан мумкин аст, ки таҳти ин мафҳум ду гурӯҳи ҷиноятҳо дар назар дошта мешаванд: яке ҷиноятҳои бо соҳаи андоз алоқаманд ва дигаре ҷиноятҳои бо сиёсати андоз алоқаманд. Зери мафҳуми ҷиноятҳои бо соҳаи андоз алоқаманд саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, саркашӣ аз пардохтҳои гумрукӣ, фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ, бақайдгирии ахди ғайриқонунӣ бо замин, соҳибкории ғайриқонунӣ ва ғайраҳо фаҳмида мешавад. Зери мафҳуми ҷиноятҳои бо сиёсати андоз алоқаманд тамоми кирдорҳои ҷиноятие фаҳмида мешавад, ки аз ҷониби кормандони мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи сиёсати андоз бо мақсади ғарази шахсӣ содир мекунанд, ки дар натиҷа ба андозсупорандагон ва ё давлат зарари молиявӣ мерасад. Ба ин дохил шуда метавонад: монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м.258) ва инчунин дигар ҷиноятҳои ба соҳаи андоз алоқаманд, ки аз ҷониби шахсони ваколатдори давлатӣ дар самти андозбандию андозситонӣ бо мақсади ғарази шахсӣ содир мешаванд. Ин ду гурӯҳи ҷиноятҳои номбаршуда вобаста ба субъект, тарафи субъективӣ ва тарафи объективиашон аз ҳам фарқ мекунанд.

Ба ақидаи муаллифи рисола ҷиноятҳо дар соҳаи андоз ба чунин гурӯҳҳо ҷудо карда мешавад:

– Ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо моддаҳои 292-293 КҶ ҶТ, ки объекти бевоситаи онҳо андозҳо ва ё пардохтҳоро дар назар дорад.

– Ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд. Яъне ҳангоми содир шудани онҳо дар баробари вайрон гардидани дигар қонунҳо, қонунгузории андоз низ вайрон мегардад. Ба ин соҳибкории ғайриқонунӣ (м. 259 КҶ ҶТ), қонунигардонии молу мулки бо роҳи ҷиноят ба дастомада (м. 262 КҶ ҶТ), фаъолияти ғайриқонунии бонкӣ (м. 263 КҶ ҶТ), муфлисии сохта (м. 276 КҶ ҶТ) ва ғайраҳо мисол шуда метавонанд.

– Ҷиноятҳои ба сиёсати андоз алоқаманд, ки ин ҷо вобаста ба муқаррар кардани маблағи андоз, пеш бурдан ва ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳо, ба амал баровардани назорати андоз, шикоят аз болои санадҳои мақомоти андоз ва аз болои амал (беамалӣ)-и шахсони мансабдори онҳо, беамалӣ дар вазифа аз ҷониби кормандони андоз, монеъ шудан ба фаъолияти қонунии соҳибкорӣ (м. 258 КҶ ҶТ), бақайдгирии аҳди ғайриқонунӣ бо замин (м. 261 КҶ ҶТ), инчунин дигар ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, ки бо истифода аз мақоми мансабии кормандони мақомоти ваколатдор оид ба ҷамъоварии андоз ва андозбандӣ, инчунин бо маслиҳати пешакӣ бо кормандони мақомоти андоз содир мешаванд. Ин ҳолатҳо бештар дар қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ дар моддаҳои алоҳида дида мешаванд, ки минбаъд аз ҷониби мо мавриди баррасӣ қарор мегиранд (саҳ. 24 – 49).

**Дар зербоби дуюми боби аввал муаллиф зикр менамояд**, ки зарурат ва аҳаммияти омӯзиши низоми қонунгузории хориҷӣ дар назди ҳуқуқшиносон соҳаҳои навро мекушояд ва ба онҳо имконият медиҳад, ки низоми ҳуқуқии кишвари худро беҳтар намуда, хусусиятҳои хосси низоми ҳуқуқии хориҷӣ ҳангоми муқоиса кардан бо дигар низоми ҳуқуқи давлатҳои хориҷ мушаххасу равшантар омӯзанд; ҳуқуқшиносонро бо асосҳову далелҳое асоснок месозанд, ки ба даст овардани онҳо ҳатто ҳангоми хуб донистани низоми ҳуқуқии давлати худ ҳам ғайриимкон мебошад. Рушди бомуваффақияти илми ҳуқуқи ҷиноятии муосир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бе омӯзиш ва таҳқиқи қонунгузории ҷиноятии давлатҳои хориҷӣ ғайриимкон аст. Дар баъзе давлатҳо меъёрҳое, ки шахсонро ба супоридани андозҳо ва (ё) дигар пардохтҳои ҳатмӣ вазифадор месозанд, дар фаслу бобҳои Конститутсияҳо мустаҳкам шудаанд, ки вазъи ҳуқуқии инсон ва шаҳрвандро муайян менамоянд. Дар маҷмуъ, таҳлили ҳама ҳолатҳои дар боло овардашуда ба муаллиф имконият медиҳад, то хулосабарори намояд, ки муносибатҳо оид ба

муқаррар намудани ҷавобгарии ҷиноятӣ барои саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо ва аз рӯйи таркиби ҳуқуқӣ муқаррар шудани онҳо дар давлатҳои ҷаҳон якхела набуда, фарқияти калон дорад (саҳ. 49 – 78).

**Зербоби якуми боби дуюм** зикр карда шудааст, ки проблемаи объекти ҷиноят нисбат ба проблемаи гуноҳ ва расонидани зарар камаҳаммият набуда, балки аз лиҳози фалсафӣ проблемаи амиқтар мебошад, вале он дар адабиёти ҳуқуқӣ кам таҳқиқу коркард гардидааст. Маҷмуи объектҳои ҷиноятҳо вобаста ба саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳоро аз рӯйи иерархияи онҳо ба се гурӯҳ ҷудо кардан мумкин аст: объекти хелӣ; объекти намудӣ; объекти бевосита. Ба ақидаи муаллиф, объекти ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо ва ё пардохтҳо ин маҷмуи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар соҳаи танзими давлатии андозҳо ва ё пардохтҳо ва манфиати молиявии давлатӣ ва ташаккули буҷети давлатӣ аз ҳисоби андозҳо ва пардохтҳо мебошад.

Масъалаи дигаре, ки дар зербоби мазкур мавриди таҳқиқоти илмӣ қарор дода шудааст, предмети ҷиноятҳо дар соҳаи андозҳо мебошад. Предмети ҷиноят – ин неъматҳои моддӣ мебошанд, ки дар натиҷаи содиршавии ҷиноят ба онҳо зарар мерасанд ё онро тағйир медиҳанд (саҳ.79 –108).

**Дар зербоби дуюми боби дуюм** муаллиф қайд мекунад, ки муқаррар намудани аломатҳои тарафи объективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ барои бандубасти кирдори мазкур ва минбаъд ба ҷавобгарӣ кашидани шахси онро содиркарда аҳаммияти муҳим дорад. Дар натиҷаи таҳлили ақидаи олимон ва нуқтаи назари КҶ ҶТ муаллифи рисола ба хулосае меояд, ки тарафи объективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳоро аз шахсони ҳуқуқӣ дар шакли саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ дар чунин ҳаракатҳо дида мешавад: ҳангоми ба асноди муҳосибӣ ё эъломияи андоз ворид намудани маълумоти таҳрифшуда оид ба даромад ва хароҷотҳо; ҳангоми бо роҳҳои дигар пинҳон намудани объектҳои андозбандишаванда (пешниҳод накардани дигар ҳуҷҷатҳое, ки пешниҳоди онҳо тибқи қонун ҳатмист ва ё ворид намудани маълумоти таҳрифшуда ба ин ҳуҷҷатҳо). Дар асоси таҳлили илмии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз муаллифи рисола м. 292 КҶ ҶТ дар таҳрири нав пешниҳод мекунад (саҳ. 109 –144).

**Зербоби сеюми боби дуюм «Субъекти саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ»** ба масъалаҳои субъекти ҷинояти мазкур ва нишонаҳои он мавриди таҳқиқоти илмӣ бахшида шудааст. Муаллиф зикр мекунад, ки ба субъектони ҷинояти пешбининамудаи м. 292 КҶ ҶТ бояд роҳбар, сармуҳосиб (дар сурати мавҷуд набудани штати сармуҳосиб –

муҳосиб)-и ташкилот, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мансуб дониста шаванд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешавад ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо, дохил гардад. Тибқи қоидаи умумӣ, субъектони ҷинояти пешбининамудаи м. 292 КҶ ҶТ махсус мебошанд, чунки ба ҷавобгарии ҷиноятӣ ҷалб намудани он танҳо дар сурати саркашӣ аз супоридани андоз (пардохт) имконпазир мебошад. Зимнан ба ҷавобгарии ҷиноятӣ мутобиқи м. 293 КҶ ҶТ танҳо шахси воқеӣ ҷалб шуда метавонад, ки таҳти ин мафҳум, аз ҷумла соҳибкори инфиродӣ фаҳмида мешавад (саҳ.144 – 157).

**Зербоби чоруми боби дуюм «Тарафи субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо ва ё пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ»** масъалаҳои субъекти ҷинояти мазкур ва нишонаҳои онро мавриди таҳқиқоти илмӣ дар бар гирифтааст. Муаллифи рисола зикр мекунад, ки тарафи субъективии саркашӣ аз супоридани андозҳо дар тафтиши пешакӣ ва баррасии судӣ манбаи асосии исботро ташкил карда, баҳси байни айбдоркунандаи давлатӣ (прокурор) ва тарафи ҳимояро ба миён меорад. Тарафи субъективии ҷинояти саркашӣ аз супоридани андозҳо ин маҷмуи аломатҳои дохила (руҳӣ) мебошад, ки тарафи таҷовузи ҷинояткоронро тавсиф медиҳанд. Ба сифати чунин аломатҳо гуноҳ, ангеза ва мақсад баромад мекунанд.

Гуноҳ дар ҳуқуқвайронкунии соҳаи андоз асосан аз муносибати субъект ба факти аз ҷониби ӯ вайрон гардидани меъёри қонунгузории андоз, яъне аз дарки зиддиҳуқуқӣ будани кирдорҳои худ, вобастагӣ дорад. Ҷинояти андозӣ бевосита аз ҳуқуқвайронкунии андозӣ маншаъ гирифта, моҳиятан давоми он мебошад ва бинобар ин, бояд аввал дар вайронкунии қонунгузорӣ оид ба андозҳо ва пардохтҳо мавҷудияти гуноҳ муқаррар карда шавад (саҳ. 158 – 180).

Бояд қайд намуд, ки дар баробари комёбиҳои иброзгардида, инчунин дар рисолаи илмӣ баъзе масъалаҳои баҳсноки илмӣ ҷой доранд ва онҳоро ба таври зерин метавон манзур намуд:

1. Моддаҳои 36-37 КҶ ҶТ шарикони ҷиноят (ташкилкунанда, таҳриккунанда ва ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда) ва ҷавобгарии онҳоро муқаррар кардааст. Дар пешниҳодҳои кори илмӣ бошад, филиал ва ё намояндагии он, шахсоне, ки амалан вазифаҳои онҳоро иҷро

менамоянд, дигар шахсоне, ки аз рӯйи ваколати махсуси мақомоти идоракунии ташкилот амал мекунанд, муассис (иштирокчӣ), соҳибмулки молу мулки ташкилот мебошанд, агар ба доираи уҳдадории шахсони номбурда имзо намудани ҳуҷҷатҳои ҳисоботӣ, ки ба мақомоти андоз пешниҳод мешаванд ва таъмини пардохти пурра ва саривақтии андозҳо ва (ё) пардохтҳо дохил гардад чун субъекти ҷиноят оварда шудааст. Аммо муаллиф муқаррар накардааст, ки кадоме аз ин субъектон ба ҳайси ташкилкунанда, таҳриккунанда, ёрдамчӣ дар баробари иҷрокунанда баромад карда метавонад. Ҳоло он ки онҳо дар як навбат дар ташкилоти андозсупоранда фаъолият мекунанд. Ба асноди муҳосиби ҳуқуқи имзогузорӣ доранд. Объектҳои андозбандишавандаи корхонаро идора мекунанд. Бинобар ин ҳолатҳо равшанӣ дар мақоми ҳуқуқӣ-ҷиноятии субъектони мазкур дар моддар 292 КҶ ҶТ ҷой надорад.

**2.** Дар рисолаи илмии мазкур ба баррасии инкишоф ва рушди саркашӣ аз супоридани андозҳо ва (ё) пардохтҳо аз шахсони ҳуқуқӣ зербоби алоҳида бахшида нашудааст. Ба андешаи мо, маҳз тавассути таҳлили таърихии ҷиноятҳо дар соҳаи андоз натиҷаҳои дилхоҳи илмӣ ва таҷрибаи пешқадами қонунгузорӣ ба даст меояд. Аз ин рӯ, беҳтар мебуд, ки эроди мазкур ба инобат гирифта шавад ва ин ба боз ҳам мукаммал гардидани рисолаи илмӣ мусоидат менамояд.

**3.** Дар зербоби якуми боби аввали кори илмӣ қайд шудааст, ки "Зиддиҳуқуқӣ будани ҷиноятҳои баррасишаванда танҳо кирдори аз ҷониби қонунгузории ҷиноятӣ муқарраршуда мебошад, ки наметавонад моҳияти воқеии ин аломат (зиддиҳуқуқӣ)-ро пурра дар бар гирад. Инро бояд ба назар гирифт, ки ҳангоми бандубасти ҷинояти м. 292 КҶ ҶТ такя ба дигар қонунҳои амалкунанда (Кодекси андози ҶТ, қонунҳои ҶТ оид ба дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет, оид ба баҳисобгирии муҳосибӣ ва асноди муҳосибавӣ) кардан шарт ва зарур аст. Зеро диспозитсияи моддаи мазкур дар шакли бланкетӣ ҷой дорад".(саҳ. 34). Дар баробари ин гуфта қайд кардан бамаврид аст, ки моддаи 4 КҶ ҶТ муқаррар кардааст, ки ҷиноят будани кирдор, сазовори ҷазо ва оқибатҳои дигари ҳуқуқии ҷиноӣ будани онро танҳо ҳамин Кодекс муайян менамояд. Илова ба ин, қисми 1 моддаи 1. КҶ ҶТ овардааст, ки Қонуни ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳамин Кодекс иборат аст. Гарчанде ки дар қонунгузории ҷиноятӣ диспозитсияи бланкетӣ ҷой дорад, бояд ҳангоми баҳо додан ва бандубасти ҷиноят худи ҳамин кодекс баназар гирифта шавад. Вагарна мухолифатҳо миёни муқарраротй қонунгузории ҷиноятӣ ва дигар

қонунҳо ба миён омаданаш мумкин аст ва меъёрҳои қонунгузории ҷиноятӣ дар ҳар замон аз тарафи шахсони алоҳида ба таври гуногун маънидод карда мешаванд.

Эродҳои овардашуда ба мазмуну мундариҷаи диссертатсия таъсири ҷиддӣ намерасонанд ва арзиши илмии онро коста намегардоанад, баракс аз он шаҳодат медиҳанд, ки мавзуи мазкур ба яке аз проблемаҳои мубрами илми ҳуқуқи ҷиноятӣ бахшида шуда баҳси зиёди илмиро талаб мекунад.

**Мутобиқати тахассуси илмии довталаб ба дараҷаи илмӣ.**

Диссертатсияи Давлатов Бахтиёр Саидакбарович ба талаботи бандҳои 31, 33, 34 ва 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, мутобиқат менамояд. Диссертатсия аз ҷониби муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои мазмун ва мантиқи ягонаи дохилӣ мебошад. Сатҳи навгонии илмии диссертатсионӣ, нуқтаҳои илмӣ ва пешниҳоду тавсияҳои амалие, ки ба ҳимоя пешниҳод шудаанд, мақолаҳои илмӣ ва маърузаҳо дар конференсияҳои илмӣ-амалӣ саҳми шахсии муаллифро тасдиқ менамоянд. Инчунин, тарзи навишт, масъалагузорӣ ва услуби таҳқиқоти илмӣ саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Хулоса, рисолаи диссертатсионии Давлатов Б.С. ба талаботҳо оид ба корҳои диссертатсионӣ дар мавриди дарёфти дараҷаи илмии номзади илм мувофиқ буда, муаллифи он сазовори ноил гардидан ба дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи иҳтисоси 12.00.08 – Ҳуқуқи ҷиноятӣ ва криминология; ҳуқуқи иҷрои ҷазои ҷиноятӣ (илмҳои ҳуқуқшиносӣ) мебошад.

Тақриз дар асоси муқаррароти мавҷуда, махсусан бандҳои 76, 77, 78, 79 ва 81 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 тасдиқ шудааст, таҳия ва пешниҳод гардидааст.

Диссертатсия ва тақризи муассисаи тақриздиҳанда дар семинари васеи илмӣ-назариявии кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии факултети менеҷмент ва ҳуқуқи тиҷоратии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. Суратҷаласаи семинарии васеи илмӣ-назариявӣ таҳти №4 аз 23 декабри соли 2022.

Тақризи муассисаи тақриздиҳанда аз ҷониби Гайратов Тимуршо Мубораkшоевич – номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ (аз рӯйи ихтисоси 12.00.08), дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии

факултети муносибатҳои иқтисодии байналмилалӣ, ҳуқуқ ва гумруки Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, муҳокима ва ҷонибдорӣ шудааст. Суратҷаласаи кафедра таҳти №6 аз 14 январи соли 2023.

**Раиси семинари васеи илмӣ-назариявӣ, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Алиев Ф.Ш.**

**Ташхисгар, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ** **Гайратов Т.М.**

**Котиби ҷаласа, дотсенти кафедраи ҳуқуқи тиҷоратӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Ҷабборов Ф.Н.**

**Имзои Алиев Ф.Ш., Гайратов Т.М. ва Ҷабборов Ф.Н.-ро тасдиқ менамоям. Сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон** **Пирзода С.С.**

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон, Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, 734055, ш. Душанбе, кӯчаи деҳоти ½ тел.: (+992 237_ 234-83-46. E-mail.: tguk@mail.ru http//www.tguk.ru.** 14.01.2023